**_Тартиби қабули ҳуҷҷатҳои довталабоне, ки тибқи рӯйхати Маркази миллии тестии назди Президенти ҶТ ба донишгоҳ фиристода шудаанд_**

*Довталабоне, ки имтиҳони марказонидашудаи дохилшавиро супорида, аз озмун бо гирифтани холҳои зарурӣ гузаштаанд, мувофиқи роҳхати Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро ба Комиссияи қабули донишгоҳ пешниҳод намоянд:*

- ✓ *ариза ба номи ректор;*
- ✓ *ҳуҷҷат дар бораи таҳсилоти умумӣ (пурра), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ намунаи давлатӣ – нусхаи аслӣ;*
- ✓ *маълумотномаи тиббӣ;*
- ✓ *6 адад сурат (андозаи 3х4 см);*
- ✓ *шиноснома ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият бо сурат, ки мақоми ваколатдори давлатӣ додааст;*
- ✓ *билети ҳарбӣ ё шаҳодатномаи ҳарбии даъватшаванда (барои писарон);*
- ✓ *ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи имтиёзҳо (агар тавассути имтиёз дохил шуда бошад) – шаҳодатнома дар бораи маъюбӣ (барои маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2-юм), хатти вафоти падар ва модар (барои ятимони кулли то синни 21 сола), ҳуҷҷати тасдиққунанда дар бораи бепарастор будани довталаб, тавсияномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ барои ғолибият дар олимпиадаҳои ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ аз фанҳои химия ва ё биология;*
- ✓ *Сертификат оид ба пешгирии бемории сироятии Covid-19 (нусха).*